# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии **Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ** дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Парвандаи аттестатсионии №____________

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 5 майи соли 2023, №11.3 «Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ»

Диссертатсияи **Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ** дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 7 январи соли 2023, №11.1 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ **Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ** 3-юми январи соли 1967 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон дар оилаи коргар ба дунё омадааст.

Ӯ аз соли 1974 то соли 1984 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30 (ҳоло МТМУ №2)-и шаҳри Кӯлоб таҳсил намудааст. Номбурда соли 1986 ба таълими рӯзонаи факултети математика Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)-ро аз рӯи ихтисоси математика дохил гардида, онро соли 1992 хатм кардааст.

Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ ба ҷустуҷӯиҳо ва фаъолияти илмӣ хело барвақт шурӯъ намуда, фаъолияти худро ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо фармоиши №263 аз 29.02.2020 ба расмият даровардааст.

Фаъолияти кории худро аз соли 1989 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41-и шаҳри Кӯлоб ба ҳайси китобдор оғоз намудааст. Солҳои 1990-1991 ба ҳайси котиба дар шуъбаи алоқаи шаҳри Кӯлоб, солҳои 1991-1992 котиба-ҳуҷҷатгузорандаи комитети комсомолии вилояти Кӯлоб, солҳои 1992-1993 ба ҳайси танзимгари факултети математикаи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб, солҳои

1993-1999 мудири китобхона дар Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб, солҳои 1999-2000 лаборанти кабинети анатомия дар Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе, солҳои 2000-2002 ба ҳайси мутахассис доир ба ҳуҷҷатгузорӣ дар муассисаи "Содирот"-и Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2003 – 2004 лаборант дар Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб, солҳои 2004-2010 раиси созмони ҷавонон ва иттифоқи касабаи донишҷӯёни коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб, солҳои 2010-2011 ба ҳайси муаллимаи фанни "Асосҳои назарияи иқтисодӣ", аз сентябри соли 2011 ба ҳайси муовини директор оид ба корҳои тарбиявии Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз" кор карда истодааст.

Мавзуи рисолаи номзадии худро аз 25.12.2020 №5 дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тасдиқ намуда, зери роҳбарии Каримзода Мирзо Бадал ба таҳқиқ машғул гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 9 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ба табъ расидаанд.

Маҳмудзода Қумринисо муҳокимаи даври аввалро санаи 26.01.2022, №6 дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика гузаронида, муҳокимаи даври дуюми диссератсияро дар семинари илмӣ-методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 05.11.2022, №6 гузаштааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмудзода Қумринисо имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 19.02.2009 бо баҳои хуб, забони хориҷӣ (англисӣ) дар таърихи 20.05.2017 бо баҳои хуб ва Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар таърихи 7.04.2022 бо баҳои аъло супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз санаи 20.05.2022, №9 додааст.

Шурои диссертатсионӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 26 январи соли 2023, суратҷаласаи №11.2 қабул карда, диссератсияро барои ҳимоя иҷозат додааст.

Эълон оид ба ҳимояи рисола ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бахши «Шурои диссертатсионӣ» дар зерсаҳифаи эълонҳо аз санаи 1-уми феврали соли 2023 ва дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 5-уми феврали соли 2023 ҷойгир карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи муқараррот санаи 27.03.2023 ирсол гардидааст.

Автореферати диссертатсия аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матни он 96,58%-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи унвонҷӯ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровара шуда, дар парвандаи аттестатсионии унвонҷӯ маҳфузанд.

Роҳбари илмӣ: **Каримзода Мирзо Бадал** – доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва муқарризони расмӣ: **Юлдошев Умарҷон** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ Ибни Сино ва **Файзуллозода Ҳусейн** – номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети тарбияи ҷисмонии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов баҳои мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи **Маҳмудзода Ҳуминисо Нуралӣ** бо Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология аз 08.04.2023, №9 бо имзоҳои раиси семинар, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот, доктори илмҳои сиёсӣ Қозиён Шариф Қозӣ, раиси Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психология Набиев Ҷурабек, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ Ғафурова Дилором ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ Гулзода Наҷиба Абдулмажид тасдиқ гардида бо имзои ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ аз 8-уми апрели соли 2023, ба расмият даровара шудааст.

Дар тақризи муассисаи пешбар ягонагии натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия дарҷ гардидаанд.

Дар тақриз қайд гардидааст, ки автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Аз тақризи муассисаи пешбар бар меояд, ки дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1.Бисёр хуб мебуд, агар тавсияву пешниҳодоти аз ҷониби муҳаққиқ ироашуда дар шакли амсилаи ташаккули малакаҳои кор бо донишҷӯён, ташаккули фикррониии эҷодӣ ва инноватсионии донишҷӯён коркард ва корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар заминаи амсилаи мазкур баргузор карда мешуд ва ба ин восита барои омӯзгорони макотиби олии кишвар

имрӯз як дастури методие аз таҷрибаи муаллифи диссертатсия рӯи кор омада, мавриди истифодаи онҳо қарор мегирифт.

2.Муаллифи диссертатсия таъкид кардаанд, ки "Ғояи таҳқиқот хусуси ятҳои инноватсионӣ дошта, асоси онро пешниҳоди технологияи такмили ихтисоси омӯзгорон дар шароити фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад." Бисёр хуб мешуд, агар довталаб барои исботи ин андешаашон масъалаи мазкурро бештар шарҳу тафсир мекарданд, то бо ҳамин восита хонанда метавонист бо технологияҳои инноватсионии такмили ихтисоси омӯзгорон ошноӣ пайдо кунад.

3. Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки муаллим дар муошират бо хонандагон чунин принсипро риоя мекунад: «На дар паҳлӯ ва на боло, балки якҷоя!», вале ин усули таълим аз ҷониби муаллиф ба таври мукаммалу густурда таҳлилу тафсир нашудааст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳ мехоҳанд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд, зикр гардидааст дар тақризи муассисаи пешбар.

Дар хулоса муассисаи пешбар қайд менамояд, ки диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсия мақолаҳои зерини тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия пешниҳод намдааст.

**а) Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Маҳмудзода, Қ.Н. Моҳият ва сохтори салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ[Матн] / Қ.Н. Маҳмудзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон №3(40) – Душанбе, -2021. – С. 89 – 95. (ISSN 2222–9809).

[2-М] Махмудзода, К.Н. Формирование профессиональной компетентности будущих медиков среднего звена[Текст] // К.Н. Махмудзода // (ISSN 2617–5620) Вестник Института развития

образования (педагогические и психологические науки) №4 (36) – Душанбе, 2021,–С. 75–80.

[3-М] Маҳмудзода Қ.Н. Равишҳои методологии таҳқиқи ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ /Қ.Н. Маҳмудзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон №3(40). – Душанбе, 2021. – С. 82 – 89.

[4-М].Маҳмудзода, Қ.Н. Салоҳиятнокии касбӣ донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ / Қ.Н. Маҳмудзода //(ISSN 2616 – 5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ №4(29) – Кӯлоб 2022. – С. 76 – 83.

[5-М]. Маҳмудзода Қ.Н. Самаранокии татбиқи амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни гузаронидани тадбирҳои таълимӣ - тарбиявӣ [Матн] / Қ.Н. Маҳмудзода //( ISSN 2616 – 5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ №1(30) – Кӯлоб 2023. – С. 90 – 97.

**б) Мақола ва фишурдаи мақолаҳое, ки дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд:**

[6-М] Маҳмудзода, Қ.Н. Ташаккули асосҳои методологии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ [Матн] / Қ.Н. Маҳмудзода// Маҷмуаи маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 80–солагии н.и.п., дотсент Иброҳимов Грез “Рисолати касбӣ ва миллии омӯзгор дар замони муосир”. – Кӯлоб, 2022.– С. 202–207.

[7-М] Маҳмудзода, Қ.Н. Чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ ва модели ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ [Матн] / Қ.Н. Маҳмудзода// Маҷмуаи маводи Конференсияи минтақавии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Роҳҳои беҳтар намудани сифати омодасозии мутахассисони миёнаи тиббӣ” бахшида ба солҳои 2020 – 2040 - “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”. – Кӯлоб, 2022. – С. 230–234.

[8-М] Маҳмудзода, Қ.Н. Роҳу усулҳои муосири ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ тавассути баргузории тадбирҳои таълимиву тарбиявӣ [Матн] / Қ.Н. Маҳмудзода // Маҷмуаи маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Усулҳои муосири ташаккули салоҳиятҳои донишҷӯён дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ”. // Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (ш. Душанбе, 29.10.2022). – Душанбе: “Сифат”, 2022.– С.73-77.

[9-М] Маҳмудзода, Қ.Н. Татбиқи амсилаи ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ. [Матн] / Қ.Н. Маҳмудзода // Маводи конференсияи донишгоҳӣ дар мавзуи “Нимноқилҳо маводи асосии электроника” бахшида ба солҳои 2020 – 2040 - “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”. – Кӯлоб, 2022. – С. 35–41.

Ба Шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-002 аз номи шахсони зерин тақризҳои ғайрирасмӣ ба автореферати Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ ворид шудаанд:

1. Доктори илмхои педагогӣ, профессор, ходими пешбари илмии Шуъбаи педагогика ва психологияи Пажухишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ **Раҳимзода Хуррам;**

2. Номзади илмҳои педагогӣ, мушовири ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Собиров Сафарбек;

3. Номзади илмҳои педагогӣ, и.в дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Саидов Низомиддин;

4. Номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи инноватсия ва технологияи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Камолзода Сайфуддин.

Ҳамаи муқарризони озод дар тақризи худ ягон эрод нагирифта, нуктаҳои муҳими автореферати Маҳмудзода Қумринисо Нуралиро қайд намуда, мубрамии таҳқиқот ва арзиши илмии онро тасдиқ намудаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002, аз аз 26 январи соли 2023, №11.2 тибқи банди 61 Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:

**Навгонию навовариҳои таҳқиқот чунин арзёбӣ мегарданд:**

– консепсияи такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия карда шуд, ки аз нигоҳи стратегияи илмии татбиқи тадбирҳои педагогӣ ва ташкилӣ дар доираи фаъолияти муассисаҳои таҳсилотии муосири низоми таҳсилоти миёнаи махсус асоснокшуда мебошад;

– раванди такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои ояндадори таҳқиқоти илмӣ дар педагогика, ки дорои ҷанбаи байнисоҳавӣ мебошад, таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд;

– амсилаи консептуалии такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни МТМТ пешниҳод гардид, ки имкон медиҳад фазои таҳсилотиро барои рушди касбии мутахассисони ояндаи тиб мусоид созад;

– шароити педагогии барои такмили бомуваффақияти салоҳиятҳои касбӣ зарурбуда ва дар амал батасвибрасида, ошкор ва асоснок шудааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Муҳтавои асосии таҳқиқот барои ҳимоя муқаррароти зеринро дар бар мегиранд:

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Раванди такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ раванди динамикӣ буда, дар доираи он дар ҷавонон салоҳияти касбӣ, мавқеи шахсии гуманистӣ ташаккул меёбанд, ки дар муошират бо ҳамсолон ва ҳамкасбон тадриҷан дақиқу амиқ мешавад ва минбаъд ба вазифаи асосии мутахассиси тиббӣ табдил мегардад.

2. Консепсияи такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ имкон медиҳад, ки роҳҳои инсонгаросозии таҳсилоти касбии тиббӣ дар ҷанбаҳои зерин муайян гардад: ҷорӣ намудани фазои интерактивии таҳсилот, робитаи мутақобилаи рушди умумӣ ва касбии табиби оянда, арзёбии сатҳи касбии мутахассис бо назардошти муносибати касбии ӯ.

3. Гузариши ҷузъи муҳтавоии таҳсилоти тиббӣ ба равиши антропологӣ ва касбӣ имкон медиҳад, ки ба саломатии инсон мақоми арзиши иҷтимоӣ дода шавад.

4. Барои истифодаи босамари равиши инсонмарказӣ дар такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ҷиҳати бозсозии раванди таҳсилот зарур аст, ки шароит барои амалӣ намудани эҳтиёҷоти инфиродии донишҷӯён ҷиҳати фароҳам овардани фазои эҷодкорӣ ва ташаккул додани салоҳиятҳои касбӣ дар муассисаи таълимӣ чораҳои мушаххаси амалӣ андешида шавад.

5. Барои ташкили раванди самараноки такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ зарур аст, ки арзишҳои тиб ба унсури ҷудонопазири ҷузъи муҳтавоии фанҳои алоҳидаи таълимӣ табдил дода шуда, ҷанбаҳои салоҳияти касбии мутахассисони ояндаи тиб муайян ва амалӣ карда карда шаванд.

6. Самтгирии раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи тиббӣ ба ҷузъи касбӣ имкон медиҳад, ки сифатҳои шахсӣ ва касбии донишҷӯён ба таври назаррас инкишоф дода шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

– ба назарияи салоҳиятҳои касбии нуктаҳое ворид карда шуданд, ки нуқтаи назарҳоро дар бораи вазифаҳо ва ҳадафҳои муассисаҳои таҳсилотии миёнаи тиббӣ, умуман, оид ба таҳсилоти тиббӣ дар қаринаи такмили салоҳиятҳои касбӣ тағйир доданд;

– асоснокии назариявии принсипҳо ва қонунияти аз тарафи мо ошкоршудаи салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ оварда шудааст;

– вижагиҳои татбиқи равишҳои ангезавӣ, системавӣ ва ба шахсият нигаронидашуда барои баррасии амсилаи консептуалии такмили салоҳиятҳои касбӣ дар мутахассисони соҳаи тиб муайян карда шуданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зуҳур меёбад, ки:

– шароитҳои педагогии такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷ, ки дар рафти таҳқиқот коркард шуданд, ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки бо назардошти фаъолона истифода бурдани методҳои интерактивии таълим ба раванди таълим тағйирот ворид кунанд;

– барномаи такмили салоҳиятнокии касбии табибони оянда, ки дар ҷараёни таҳқиқот таҳия ва тасвиб шудааст, салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббиро дақиқ менамояд;

– таъминоти илмию методии такмили салоҳияти касбӣ, ки аз ҷониби муаллифи таҳқиқот таҳия шудааст, ҷузъи муҳтавои раванди таълимро дар ҷараёни омодасозии табибони оянда дар иртибот ба ташаккули салоҳиятҳои касбии онҳо ғанӣ мегардонад.

**Асосҳои методологии таҳқиқ** аз инҳо иборат аст:

– пажуҳишҳои муосири назариявӣ, методҳо ва муҳтавои раванди таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус (В.В. Краевский, А. В. Брушлинский, И.Г. Фомичева ва дигарон);

– методҳо ва самтҳои инкишофи салоҳияти донишҷӯён дар ҷараёни раванди таҳсилот (Р.А. Артсишевский, Л.Б. Ляуш, А.Г. Спиркин, Т.И.Ойзерман, В.И. Шинкарук ва дигарон);

– равиши ба шахсият нигаронидашуда дар робита ба раванди таҳсилот ва рушди шахсӣ (М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Бобизода Ғ.М., А.Г.Асмолов, М.Г. Ашманис, Е.В. Бордовская, Г.Е. Залесский, Н.В. Кузмина, Б.М. Теплов, А. Маслоу, В.С. Мухина, В.В. Сериков, Н.А. Менчинская, Е.Н. Шиянов ва дигарон);

– мафҳумҳои калидии технология ва методикаи таҳқиқот дар соҳаи педагогика (А.М. Новиков, Ю.К.Бабанский, М.Н. Скаткин, В. С. Илйин, В.И. Загвязинский).

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути:

– маҷмуи таҳлилҳои миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои ҳамаи марҳилаҳои озмоиш;

– истифодаи методҳои математикии арзёбӣ ва муқоисаи натиҷаҳои корҳои озмоишӣ;

– маҷмӯи маълумоти озмоишӣ бо таҳлили назариявии проблема;

– муқоисаи маълумоти манбаъҳои илмӣ бо натиҷаҳои озмоиш;

– риояи сатҳи дахлдори интихобкунии намуна;

– муайян ва асоснокии назариявии шароитҳои педагогии барои такмили самараноки салоҳиятҳои касбии мутахассисони ояндаи тиб зарурӣ таъмин мегардад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар татбиқи амалии қисмати назариявии таҳияшуда аз инҳо иборат мебошад:

– имконияти салоҳиятнокӣ ва ҷанбаҳои арзишии касби тиббӣ дар фанҳои гуногуни таълимӣ муайян карда шудаанд, ки ба ташаккули самтгириҳои арзишии онҳо дар мутахассисони ояндаи соҳаи тиб мусоидат мекунанд;

– дар асоси озмоиши фикрӣ ва таҳлили назариявӣ, консепсияи такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ пешниҳод карда мешавад;

– шароити педагогӣ ва асосноккунии озмоишӣ муяссар ва ба даст оварда шуданд, ки татбиқи самараноки салоҳиятҳои касбии донишҷӯёнро дар такмили савияи касбии онҳо имконпазир месозанд;

– технология ва амсилаи омодасозии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ба фаъолияти касбии оянда дар асоси салоҳияти ташаккулёфта пешниҳод ва тасвиби озмоишӣ гирифта шуд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб, ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод ва муҳокима шуданд.

Муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар семинару конференсияҳои илмӣ ва мизҳои мудаввар, ки солҳои 2019-2022 дар Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гардидаанд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфта, мусбат арзёбӣ шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 5 майи соли 2023, №11.3 қарор қабул кард, ки ба Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар, аз онҳо 3 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ иштирок доштанд: 15 нафар
- бюллетенҳои тақсимгардида: - 15 дона;
- бюллетенҳои тақсимнагардида: - 14 дона;
- тарафдори додан ба дараҷаи илмӣ: - 14 нафар;
- муқобили додани дараҷаи илмӣ: - 0;
- бюллетенҳои беэътибор - 0.

Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, профессор: Миралиизода А.М.

Котиби илмии Шурои Диссертатсионии 6D.КОА-002,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Рафиев С.А.

05.05.2023

ҶМ